*Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014*
*назди Донишгоҳи давлатии молия ва*
*иқтисоди Тоҷикистон*
*(734067, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14)*

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Муминзода Абдукарим дар мавзӯи "Мукаммалгардонии танзими давлатии фаъолияти суғурта дар шароити муосир: назария, методология ва амалия (ҷанбаҳои институтсионалии он)" барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз пешниҳод гардидааст.**

Суғурта қисми таркибии фаъолияти хоҷагидории ҷамъият ва низоми молиявии мамлакат маҳсуд меёбад. Дарки назариявӣ ва амалии раванди суғурта бевосита бо таъминоти мувофиқи идоракунӣ ва танзимкунӣ алоқаманд мебошад. Фаъолияти самараноки суғурта дар низоми молиявии мамлакат дар назар дорад, ки эҳтиёҷоти инсон, гурӯҳҳои иҷтимоӣ ва ҷамъият дар таъминоти бехатарӣ аз ҳама гуна хатарҳо эмин нигоҳ дошта шуда, имконияти қонеъгардонии манфиатҳои субъектонро дар шароити муосир фароҳам меоварад. Барои раванди суғурта дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мисли дигар бахшҳои иқтисодӣ дар солҳои охир тамоюли пешравӣ ба назар мерасад. Бо вуҷуди ин аз тарафи субъектони алоҳидаи хоҷагидорӣ зарурати иқтисодии суғурта дар шароити густариши муносибатҳои бозори дуруст дарк нашудааст. Маъмул аст, ки дар шароити шиддатёбии муборизаи рақибона хавфи соҳибкорӣ зиёд мегардад, ки аҳамияти суғуртаро дар ин ҷода афзоиш медиҳад. Ҳамбастагии фаъолияти хоҷагидории тамоми субъектони иқтисодӣ бо суғурта имкон медиҳад, ки онҳо аз ҳар гуна хатарҳои техногенӣ, криминалӣ, офатҳои табиӣ, хушксолӣ, аз фаъолият боз мондани коргоҳҳо, нигоҳдории фондҳои асосии истеҳсолӣ, нигоҳдории маҳсулоти тайёр ва нимтайёр ҳифз карда шаванд. Бо баробари ин таъкид ба маврид аст, ки бахши суғурта ҳамчун унсури низоми молиявӣ хислати хоси худро дорад, ки пеш аз ҳама дар ошкор набудани он ифода меёбад. Зеро на ҳама субъекти хоҷагидорӣ мехоҳад оид ба сарвати худ ошкоро баён намояд. Инчунин таъсисёбии захираҳои суғуртавӣ метавонанд аз ҳисоби сарчашмаҳои гуногун таъсис дода шаванд. Аз ҳамин сабаб зарурати танзим ва назорати давлатии фаъолияти суғурта ба миён меояд,

ки ба шарофати механизмҳои гуногун, алалхусус ба воситаи институтҳои махсус амалӣ карда мешаванд. Гуфтаҳои боло мубрамияти мавзӯи диссертатсияи Муминзода Абдукаримро муқаррар мекунанд.

Аз мутолиаи автореферат маълум мегардад, ки муаллиф дар асоси дуруст муқаррар намудани мақсад, вазифаҳо, объект ва предмети таҳқиқот ба як қатор натиҷаҳои назарраси илмӣ ноил гардидааст.

Дар натиҷаи таҳқиқи сарчашмаҳои мухталиф ба Муминзода А. муяссар гардидааст, ки суғуртаро аз ҷиҳати институтсионалӣ баҳогузорӣ намояд "Аз нуқтаи назари муносибати институтсионалӣ суғурта ҳамчун маҷмуи қоидаҳо, меъёрҳо, ташкилотҳо ва механизмҳое фаҳмида мешавад, ки фаъолияти суғуртаро дар ҷомеа танзим мекунанд" (с. 17).

Бо мақсади муайян намудани табиати танзими фаъолияти суғуртавӣ, муаллиф дар шакли ҷадвал усулҳо, тасниф, шакли танзим ва афзорҳои мушаххаси онро тартиб додааст, ки ҷолиби диққат мебошад (с. 22).

Барои баҳодиҳии вазъи бозори суғурта ва дараҷаи монополизатсияи он аз тарафи Муминзода А. индекси ҳокимияти бозории Херфиндал-Хиршман дар шароити бозори суғуртаи мамлакат ҳисоб шудааст (с. 24), ки аз ҷиҳати методологӣ ва амалӣ аҳамияти хоси илмӣ дорад.

Дар асоси истифодаи маълумоти эмпирикӣ, муаллиф нишондиҳандаҳои асосии баҳодиҳии устувории молиявии ташкилотҳои суғуртаро ҳисоб кардааст (ҷадвали 7, с. 36). Чунин муносибат имкон фароҳам овард, ки диссертатсиянавис пешниҳодҳои арзишмандро баҳри такмили арзёбии раддабандии ташкилотҳои суғуртавӣ баён намояд.

Боиси аҳсан мебошад, ки муаллиф дар таҳқиқоти хеш усулҳои ABC-таҳлил ва EFAS-таҳлилро бо як маҳорати хуб амалӣ кардааст. Инчунин барои истифодаи моделҳои мухталиф оид ба танзими давлатии фаъолияти суғурта, муаллиф вобаста ба хусусиятҳои иқтисодиёти миллӣ, модели танзими давлатиро пешкаш кардааст (расми 14, с. 62), ки аҳамияти назариявӣ ва амалӣ дорад.

Дар умум аз шиносоӣ бо автореферат маълум мегардад, ки аз тарафи Муминзода Абдукарим оид ба масъалаи такомули танзими давлатии фаъолияти суғурта дар шароити муосир таҳқиқоти пурра ба анҷом дода шудааст.

Бо дарназардошти бартариятҳо дар автореферати диссертатсия як қатор масъалаҳо дида мешаванд, ки дақиққуниро тақозо доранд, алалхусус:

1. Дар ҳошияи ҳисоб намудани индекси Херфиндал-Хиршман ҳисоб намудани индекси Лернер барои муайян намудани сатҳи монополизатсияи бахши суғурта таҳқиқоти мазкурро боз ҳам рангинтар менамуд.

2. Ба воситаи таҳқиқи таҷрибаи хориҷӣ, махсусан таҷрибаи кишварҳои ИДМ, масалан, имконияти истифодабарии суғуртакунии "Осаго" ва ё дигар намуд ва шаклҳои суғуртакунӣ дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда мешуд, барои хулосабарорӣ заминаи мустаҳкамро фароҳам меоварда.

Таъкид намудан зарур аст, ки эродҳои дар боло зикр шуда, мохияти илмию амалидоштаи автореферати диссертатсияро коҳиш намедиҳад ва бештар хислати тавсиявӣ дорад.

Автореферати диссертатсия дар мавзӯи "Мукаммалгардонии танзими давлатии фаъолияти суғурта дар шароити муосир: назария, методология ва амалия (ҷанбаҳои институтсионалии он)" ба талаботи "Тартиб додани дараҷаҳои илмӣ", ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгу буда, муаллифи он Муминзода Абдукарим сазовори дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
**мудири кафедраи назарияи иқтисодии**
**МДТ "ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров",**
**д.и.и., профессор** **Алиджанов Д.А.**

Имзои мудири кафедраи назарияи иқтисодӣ
д.и.и., профессор Алиджанов Д.А.-ро тасдиқ менамоям.

Сардори Раёсати кадрҳо ва
корҳои махсуси МДТ
"ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров" Сайдуллозода З.С.

735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд
гузаргоҳи Мавлонбеков 1
Тел: (83422) 6 52 73; 6 47 39; (+992) 92 845 00 54
Факс:(83422) 6 75 18;
E-mail: alijonov_jamshed@mail.ru